«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Директори Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ
_____ Бобозода Б.Б.
«__» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 08.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 6D080101, бандҳои 1, 2, 3, 4, 11, 18 ва 23 мутобиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум аз 17 апрели соли 2020 изҳор намуданд, ки: «Мо бояд маданияти заминдориро ба таври қатъӣ баланд бардорем, яъне муносибати худро нисбат ба замин, об ва дигар захираҳои табиии кишварамон куллан тағйир диҳем, ба холӣ мондани заминҳои корам роҳ надиҳем. Ҳар як гектар замин, аз ҷумла қитъаҳои замини наздиҳавлигиро самаранок истифода намуда, аз заминҳои обӣ гирифтани 3 ва ҳатто 4 ҳосил, яъне кишти такрориро васеъ ҷорӣ намуда, ҳар чи бештар маҳсулот истеҳсол намоем».

Натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои илмӣ ба исбот расонидаанд, ки манбаи асосии захираи зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақаҳо, ин интихоби дурусти навъу зироат, технологияи парвариш, риояи киштгардони илман асосноккардашуда, коркарди усулҳои самаранок истифодабарии заминҳои корам бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин ба шумор меравад.

Муаллиф дар диссертатсияаш асоснок менамояд, ки интихоби дурусти зироат ва навъҳои серҳосили он барои кишти фосилавӣ бо дарназардошти реҷаи гармӣ ва рӯшноӣ имконият фароҳам меорад, ки давраи мусоиди нашъунамо барои растанӣ бо пуррагӣ истифода шавад. Дигар хусусиятҳои мусбати зироатҳои фосилавӣ дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз, дар хок вобаста ба зироат, дар 1 сол 4.0-6.5 т/га моддаҳои органикӣ дар замин боқӣ мемонад, ки ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда мусоидат менамояд.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст. Натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи шурои олимони Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муҳокима гардидааст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Excel исбот шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда таъкид шудаанд. Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти афзалиятноки тадқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, «Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», №790 аз 30.12.2015 ба «Барномаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», № 263 аз 30.06.2021 равона гардидааст, мувофиқ мебошад.

Тадқиқоти илмӣ дар шароити заминҳои обии филиали Институти зироаткории АИКТ дар вилояти Хатлон дар доираи мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи парвариши зироатҳои сермаҳсул дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ», РҚД 0121TJ 1122 дар давоми солҳои 2021-2025 иҷро карда шудааст.

Навгонии илмии тадқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Муаллиф асоснок менамояд, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба гузариши марҳилаҳои фенологӣ хусусиятҳои морфологӣ ва мутобиқшавии 9 навъи зироатҳои кишоварзии дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон бори аввал дар минтақаи Вахш маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим дар ҷараёни истифодабарии самараноки заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта, конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо кор карда баромада шуд. Корҳои илмӣ-

тадқиқотии гузаронидаи Давлатова Рухшона Нодирхоновна ва таҳлилу барасии натиҷаҳои он саҳеҳии кори дессертатсиониро исбот менамояд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмию амалии тадқиқоти гузаронидашуда ин маълумотҳои нави илмӣ оид ба биология, экология ва маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ ва истифодаи натиҷаҳои омӯзиш дар истеҳсолоти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар 1 сол кор карда баромада, ба истеҳсолот пешниҳод карда шуданд. Амалӣ гардонидани ин натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот имконият медиҳад, ки бо роҳи самаранок истифода намудани заминҳои корам ва аз ҳар 1 гектар гирифтани 3-4 ҳосил дар давоми сол, самараи баланди иқтисодиро таъмин менамоянд.

Ин усули пайдарпай ҷойгир намудани зироатҳо дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам тайи солҳои 2022-2023 дар заминҳои обии филиали Институти зироаткорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар масоҳати 22 гектар татбиқ карда шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ. Муаллиф тадқиқоти саҳроию озмоишӣ ва таҳлили натиҷаҳои илмиро бо усулҳои маъмули агробиологӣ гузаронида, эътимоднокӣ ва дақиқии натиҷаҳои усулҳои пайдарпай парвариш намудани зироатҳои фосилавию ангорӣ, арзёбии маҳсулнокии онҳо вобаста ба муҳлатҳои кишт, коркарди математикӣ ва омории маълумоти бадастомада ва бо муқоиса ба таҷрибаҳои ватанӣ ва бурунмарзӣ оид ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар давоми 1 солро асоснок менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқ. Довталаб бо ҳамроҳи роҳбари илмӣ мавзуъ ва минтақаи тадқиқотро муайян менамояд. Саҳми муаллиф - ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёти муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба мавзуи диссертатсионӣ тақризшаванда, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, иҷрои амалии чорабиниҳои агротехникии парвариши зироатҳои таҷрибавӣ, арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, навиштани диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои илмӣ, ба пуррагӣ кори диссертатсионӣ мебошанд.

Нашри натиҷаҳои тадқиқот дар мақолаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои тадқиқот дар 14 маводи интишоротӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур ва 4 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми дессертатсия. Дар натиҷаи корҳои ба анҷомрасида вобаста ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки заминҳои корам пешниҳод шудааст, аммо дар шароити тағйирёбии иқлим ихтирои навъҳои нави сермаҳсули зироатҳои кишоварзӣ ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маводҳои ғизоӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонад.

Мукаммалгардонии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои корам ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Бинобар ин, корҳои илмӣ-тадқиқотии мо бо коркардаи технологияи истифодаи самараноки заминҳои корами ҷануби Тоҷикистон барои рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар 1 сол равона гардидааст, ки барои расидан ба яке аз Ҳадафҳои стратегии кишвар – "Таъмини амнияти озуқавории кишвар" ниҳоят муҳим мебошад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 174 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз 6 боби асосӣ, муқаддима, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, 16 расм, 52 ҷадвал, 7 диаграмма ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 177 ададро дар бар мегирад, аз он ҷумла 4 адад муаллифони хориҷӣ мебошанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия, дар асоси суханҳои пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи кишоварзӣ диққати махсус дода истодаанд. Ҳамзамон, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, ҳадафу вазифаҳо, обеъкту предмети тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия оид ба "Шаҳри адабиёт оид ба мавзӯи тадқиқот" муаллиф адабиёти зиёди ватанию хориҷиро доир ба мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда ҷамъ оварда, ҳаматарафа таҳлил кардааст. Боби мазкур аз чор фасл иборат аст. Маълумоти мавҷуда нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки заминҳои корам, дар шароити зиёд шудани талабот ба маводи ғизоӣ ва афзоиши бо суръати аҳолии ҷумҳурӣ сол ба сол, нақши аввалиндараҷаро мебозад. Муаллифи диссертатсия ҳамаи масъалаҳои дар ин боб зикршударо дақиқ омӯхта, арзёбӣ намуда, гузаронидани таҷрибаҳои илмиро оид ба рӯёнидани 3-4 ҳосили зироат дар шароити тағйирёбии иқлим хеле асоснок шарҳ додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия -"Шароит, мавод ва усулҳои тадқиқот" оид ба шароити иқлим ва таркиби хоки макони таҳқиқот маводҳои зиёд таҳлил ва арзёбӣ гардидааст. Дар ин боб бештар ба тағйирёбии ҳарорати шабонарӯзии ҳаво аҳаммият дода шудааст, зеро дар шароити заминҳои обӣ,

ҳарорат омили асосии ҳосилнокии зироатҳои тачрибавӣ мебошад. Ҳамчун объекти тадқиқотӣ 9 номгӯйи навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ, техникӣ ва хӯроки чорво мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар таҳқиқот Мушунги навъи Серҳосил, сурепитсаи навъи Вахш-26, сулии навъҳои Тоҷикӣ-70, Тоҷикӣ-50 ва Тезпазак, ҷавдори навъи Вахш-128, ҷуворимаккаи навъи Шараф-19, пахтаи навъи Нодир, офтобпараст навъи Нурафшон ва арзани навъи Дурахшон ҳамчун навъи назоратӣ истифода бурда шудаанд. Ҷиҳати гузаронидани таҳқиқотҳо усулҳои ба талабот ҷавобгӯ истифода бурда шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъдкиштшаванда" муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар 6 фасл арзёбӣ менамояд. Дар фасли "Сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои фосилавӣ" истифодаи нурӣ, обёрӣ, технологияи коркарди прогресивии хок ва дигар чораҳои агротехникӣ, коэффитсиенти истифодабарии энергияи офтоб, сабзиш ва ҳосилнокии зироатҳои фосилавӣ нишон дода шудааст. Муаллиф муқаррар кардааст, ки баъд аз ҷамъоварии зироатҳои фосилавӣ дар хок миқдори зиёди моддаҳои органикӣ боқӣ мемонад, ки барои ҳосилхезии хок мусоидат менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқот собит гардид, ки ҳосилнокии 200-400 с/га анбӯҳи сабзи зироатҳои фосилавӣ дар хок 60-100 с/га ва зиёдтар баргу поя ва реша боқӣ мемонад, ки боиси зиёдшавии миқдори гумус, нитроген ва дигар моддаҳои ғизоӣ дар хок мегардад ва барои ҳосилхезгардонии растаниҳо нақши муҳим мебозанд.

Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба солҳои парвариш гуногун буданд. Ҳосилнокии нисбатан зиёд - 415 ва 449 с/га аз кишти омехтаи мушунги Серҳосил+сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 рӯёнида шудааст.

Дар боби чоруми диссертатсия "Сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ" маълум карда шудааст, ки маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ ба шароити минтақаи тачрибавӣ ва инчунин интихоби зироат, муҳлату меъёри кишт, истифодаи меъёри муътадили нуриҳо, реҷаи обёрӣ ва технологияи парвариш вобаста мебошад.

Аз таҳлили шароити иқлимии минтақаи тачрибавӣ дар солҳои 2020-2023 бармеояд, ки ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ дар моҳҳои ноябр то март ба 8.7^0C баробар шуда, нисбати маълумоти бисёрсола 2.6^0C зиёдтар мебошад. Дар ин давра, давомнокии ҳарорати миёнаи шабонарӯзии зиёда аз 5^0C дар давоми сол 332 рӯзро ташкил дод, ки ин нисбати маълумоти бисёрсола (300 рӯз) 32 рӯз зиёд мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ муаллиф собит намудааст, ки барои дар истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави

зироатҳои фосилавӣ, устувории онҳо ба омилҳои экологӣ (сармо, гармӣ ва ғайра) аҳаммияти калон дорад. Нишондиҳандаҳои ба даст овардашудаи муаллиф оид ба навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Дар боби панҷуми диссертатсия "Маҳсулнокӣ ва самараи иқтисодии парвариши 4 ҳосили анбӯҳи сабзи зироатҳои кишоварзӣ дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои обӣ" маълумот оид ба самаранокии иқтисодии навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ оварда шудааст. Дар ин боб муаллиф исбот намудааст, ки дар шароити заминҳои обии ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон рӯёнидани 3-4 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як сол аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок мебошанд. Аз парвариши зироатҳои фосилавӣ ва хӯроки чорво, дар заминаи киштӣ пахта баробари гирифтани 3-4 ҳосил, даромади соф аз 1 гектар 17,2 ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар боби шашум ва **"Хулоса"-и диссертатсия** муаллиф натиҷаҳои тадқиқоти бисёрсолаи киштӣ навъҳои ояндадорӣ нави зироатҳои фосилавиро дар системаи киштгардони пахтакорӣ, дар шароити заминҳои обии водии Вахш хуб арзёбӣ намуда, киштукори зироатҳои фосилавиро ҳамчун асоси зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, ҳосилнокии зироати пахта ва инчунин тадбирҳои манфиатноки паст намудани дараҷаи гирифторшавӣ ба касалии вилти пахта пешниҳод менамояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва афтореферати диссертатсия», ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мутобиқати тахассуси илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Давлатова Рухшона Нодирхоновна ба ихтисоси илмии 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мувофиқат менамояд. Тадқиқоти диссертатсионӣ кори илмии мукаммали ба анҷом расида буда, қобили дастгирӣ мебошад ва аҳаммияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишнокии назариявию амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии иқтисодии зироатҳои фосилавиро вобаста ба шароити парвариши онҳо инъикос менамояд.

12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

1. Дар диссертатсия ва автореферат номи илмии (лотинӣ) зироатҳои кишоварзии таҷрибавӣ оварда нашудааст, ки ин барои истифодаи натиҷаҳои тадқиқот монеъ мешавад.

2. Натиҷаҳои мушоҳидаҳои фенологӣ дар ҷадвалҳои 3.1.4, 3.2.5, 3.3.1 дар кадом солҳои гузаронида шудааст, оварда нашудааст.

3. Коркарди математикии натиҷаи тадқиқотҳо дар ҷадвалҳои 3.2.1, 3.5.1, 3.6.2 ва ғайра дида намешавад.

4. Амонофиксатор чӣ маъно дорад?

5. Аз рӯйи гуногунии давраи сабзиши сулии навъи Тоҷикӣ-50 ва мушунги навъи Серҳосил кишти омехтаи онҳо номувофиқ мебошанд.

6. Дар диссертатсия натиҷаи тадқиқот, масалан, ҳосилнокии зироатҳо дар намуди диаграмма, ҷадвал ва таҳлили онҳо такрор мешаванд.

Дар маҷмуъ, доир ба натиҷаҳои ба даст овардаи илмии докторант, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, чунин эродҳои умумӣ қайд карда мешаванд: Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ дорад холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Онҳо дар вақти чоп ва давоми тадқиқот ба инобат гирифта шаванд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори тадқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 080101- Зироаткории умумӣ ва растанипарварӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талабот мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Давлатова Рухшона Нодирхоновна ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби н.и.б., дотсент, мудири озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Мадаминов А.А. омода гардидааст.

Тақриз дар семинари илмии байни шуъба ва озмоишгоҳҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №01аз 27 январи соли 2026).

Дар семинари илмӣ 15 нафар кормандони илмӣ иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 15 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” - нест.

Раиси семинари илмӣ:

Доктори илмҳои биологӣ, профессор, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Раҳимов С.

Эксперт:

Номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Мадаминов А.А.

Котиби семинари илмӣ:

Номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири захираи гербарияи ИБФРГ АМИТ Мубалиева Ш.М.

Имзоҳои профессор Раҳимов С., Мадаминов А.А. ва Мубалиева Ш.М.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Умарова Н.С.

ШЎЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғаи муассисаи пешбар:
734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов, 27
E-mail: ibfgr@bk.ru, тел.: (992) (37) 224-71-88
E-mail: asrorijon@mail.ru, тел.: 904-18-71-74

27 январи соли 2026